«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои падагогӣ, дотсент
Сафарзода Д.Ч.
«05» 05 соли 2026

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба диссертатсияи номзадии Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX ─ ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX ─ ибтидои асри XXI)» ба яке аз самтҳои муҳимми илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломиро дар шароити тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳаввулоти геополитикии ҷаҳонӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Дар диссертатсия равандҳои асосии шомилшавӣ ва иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти Созмони ҳамкории исломӣ, ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳо, инчунин мушкилот ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ гардидаанд. Муаллиф ба таҳлили мавқеи Тоҷикистон дар доираи ин созмони байналмилалӣ, нақши он дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ доираи васеи сарчашмаҳо, аз ҷумла санадҳои расмии байналмилалӣ, қарорҳо ва изҳоротҳои Созмони ҳамкории исломӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ, маводи иттилоотии расонаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шудаанд. Ин равиш ба диссертант имконият додааст, ки масъалаи мавриди омӯзишро дар асоси далелҳои боэътимоди илмӣ таҳлил намояд.

Муаллиф дар кори худ усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ ва системавиро истифода бурда, тавонистааст хусусиятҳои асосии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломиро дар

давраҳои гуногуни таърихӣ ошкор намояд. Ҳамзамон, дурнамои рушди ин ҳамкориҳо дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Бо дарназардошти мазмун, сатҳи таҳқиқ ва самти илмии кори анҷомшуда, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна пурра ҷавобгӯ мебошад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ дониста мешавад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамии мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама, аз ҷойгоҳи рӯзафзуни Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ва аҳаммияти стратегӣ пайдо кардани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ бармеояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккули низоми бисёрқутбии сиёсати ҷаҳонӣ нақши созмонҳои байналмилалӣ дар танзими равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин дар таъмини амнияти дастаҷамъӣ ва рушди устувор ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Созмони ҳамкории исломӣ, ки то соли 2011 бо номи Созмони конфронси исломӣ фаъолият мекард, имрӯз яке аз бузургтарин созмонҳои байналмилалӣ пас аз Созмони Милали Муттаҳид маҳсуб меёбад. Ин созмон беш аз як миллиард аҳолии кишварҳои узвро дар бар гирифта, ҳамчун платформаи муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои исломӣ баромад мекунад. Густариши доираи фаъолияти СҲИ ва афзоиши таъсири он дар равандҳои ҷаҳонӣ мубрамияти омӯзиши онро боз ҳам бештар менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати соҳибистиқлол, дар сиёсати хориҷии худ усули бисёрсамтӣ ва сиёсати «дарҳои кушода»-ро роҳандозӣ намуда, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалиро яке аз самтҳои муҳимми рушди худ қарор додааст. Дар ин замина, муносибат бо СҲИ барои Тоҷикистон аҳаммияти хос дошта, ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими робитаҳои сиёсӣ, густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди робитаҳои фарҳангӣ хизмат менамояд.

Мубрамии мавзуъ инчунин дар он ифода меёбад, ки СҲИ дар ҳалли як қатор масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ, аз ҷумла таъмини сулҳ ва амният, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва дастгирии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои аъзо нақши назаррас дорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши имкониятҳо ва механизмҳои ҳамкорӣ дар доираи ин созмон аҳаммияти назарраси амалӣ ва стратегӣ дошта, барои рушди минбаъдаи робитаҳои бисёрҷониба ва таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, таҳкими робитаҳо бо кишварҳои аъзои СҲИ, бахусус давлатҳои арабии Шарқи Наздик, барои Тоҷикистон на танҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, балки аз лиҳози сиёсӣ ва таъмини амнияти минтақавӣ низ муҳим мебошад. Дар баробари ин, омӯзиши фаъолияти СҲИ имконият медиҳад,

ки нақши «омили исломӣ» дар муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ аз нигоҳи илмӣ ва объективӣ арзёбӣ карда шавад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ, мушкилот ва дурнамои рушди онҳо дар шароити муосир дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд буда, барои муайян намудани самтҳои минбаъдаи сиёсати хориҷии кишвар ва таҳкими мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти А.М. Ализода дар он аст, ки раванди ташаккул, инкишоф ва таҳаввули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломиро дар охири асри XX – ибтидои асри XXI таҳлил ва ҷамъбаст намояд, хусусиятҳои асосии ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ду ҷонибро муайян созад ва дурнамои рушди минбаъдаи ин муносибатҳоро дар шароити муосири равобити байналмилалӣ баррасӣ намояд.

Барои ноил гардидан ба ин ҳадафи умумӣ дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– баррасии ташкилёбӣ ва таҳаввули СҲИ ва нишон додани мақоми он дар низоми равобити байналмилалӣ;

– таҳқиқ ва баррасии таърихи истиқрори муносиботи байни Тоҷикистон ва СҲИ;

– омӯзиш ва таҳқиқи алоқаҳои иқтисодӣ, молиявӣ – инвеститсионӣ ва робитаҳои байнипарлумонӣ миёни Тоҷикистон ва СҲИ;

– омӯзиши тавсеаи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар бахшҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ;

– ошкор намудани хусусиятҳои муносиботи шарикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир;

– баррасии натиҷаҳои ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ба мақсади муайян кардани ҳолат ва дурнамои ҳамкории кишвар бо созмони мазкур.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ бо мантиқ ва муҳтавои тамоми кори илмӣ мувофиқ буда, бо натиҷаҳои бадастомада дар тамоми қисматҳои диссертатсия иртиботи мустақим доранд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқоти илмии Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим аз рӯйи муҳтаво, сохтор ва натиҷаҳои бадастомада дорои саҳми назарраси илмӣ мебошад. Муаллиф масъалаеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки дар илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – яъне ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI – то ҳол ба таври мукаммал ва низомнок таҳқиқ нагардида буд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф тавонистааст заминаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ-ро

дар асоси дастовардҳои таърихнигорӣ ва назарияҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ таҳия ва асоснок намояд.

Муаллиф дар кори худ аз усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва таҳлили геополитикӣ истифода бурда, хусусияти муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломиро ҳамчун низоми ҳамкории бисёрсамта шарҳ додааст. Дар натиҷаи таҳқиқ ӯ нишон медиҳад, ки ин муносибатҳо на танҳо дар заминаи манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, балки дар асоси арзишҳои ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирии мутақобила ташаккул ёфтаанд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, муаллиф ба хулоса мерасад, ки рушди минбаъдаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ бояд дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳамзамон густариш ёбад, зеро ин омилҳо дар таҳкими суботи минтақавӣ ва тақвияти ҳамгироии кишварҳо дар фазои исломӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Ин ҳама гувоҳи он аст, ки довталаб ба масъалаи таҳқиқшаванда бо таҳлили илмӣ ва мантиқи муътамад муносибат намуда, як қатор хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳлилии навро пешниҳод кардааст, ки барои омӯзиши минбаъдаи нақши СҲИ дар сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти назариявӣ доранд.

Аз нигоҳи амалӣ, таҳқиқоти анҷомдодашуда аҳаммияти муайян дорад. Дар диссертатсия таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар давраи таҳқиқшаванда таҳлил гардида, самтҳои асосии ҳамкориҳо, дастовардҳо ва мушкилоти мавҷуда муайян карда шудаанд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти СҲИ барои таҳкими мавқеи байналмилалии кишвар, густариши робитаҳои сиёсӣ ва рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ заминаи муҳим фароҳам овардааст. Ҳамчунин, нақши созмон дар расонидани кумакҳои байналмилалӣ, татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва дастгирии лоиҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Диссертант инчунин аҳаммияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲИ-ро дар самти таъмини амният, мубориза бо ифротгароӣ ва таҳкими суботи минтақавӣ нишон додааст, ки ин ҷанбаи таҳқиқ аҳаммияти хоссаи амалӣ дорад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи марҳалаҳои кори илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамии он, мақсад ва ҳалли вазифаҳои дар диссератсия гузошташуда аз ҷониби муаллиф сурат гирифтааст. Дар рафти таҳқиқот муаллиф дар рушди омӯзиши проблемаҳои асосӣ ва самтҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ саҳми худро гузошта, ҳамчунин хулосаҳои асосноки илмӣ бароварда, тавсияҳо пешниҳод кардааст. Инчунин, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳо ба нашр расондааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 4 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ва 2 мақолаи дигар дар маводи конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия дарҷ гардидаанд.** Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи муаллиф дарҷ гардидаанд, дар сатҳи баланд қарор дошта, бо мутобиқати пурра ба назарияҳои маъмули илмии муносибатҳои байналмилалӣ ва методологияи илми таърих, бахусус риштаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, тавсиф карда мешавад. Ин ҳолат эътимоднокӣ ва илмияти натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

Таҳқиқоти мазкур бо сатҳи баланди асоснокии илмии хулосаҳо ва пешниҳодҳо фарқ мекунад. Муаллиф зимни таҳлил истифодаи дурусти усулҳои таҳлили таърихӣ, системавӣ ва муқоисавиро нишон дода, тавонистааст робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломиро дар асоси манбаъҳои муътамад ва далелҳои воқеӣ баррасӣ намояд. Ҳамзамон, тавъам намудани маводи эмпирикӣ бо таҳлили назариявӣ имкон додааст, ки натиҷаҳои таҳқиқ ба таври мантиқӣ ва пайдарҳам асоснок гарданд.

Риояи тартиби хронологии баррасии мавод ва таҳлили марҳилавии рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ ба муаллиф имконият додааст, ки хусусиятҳои асосии ҳамкориҳоро дар давраҳои гуногун муайян намуда, дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди онҳоро ба таври илмӣ ҷамъбаст намояд. Дар натиҷа, самтҳои афзалиятнок ва дурнамои эҳтимолии густариши ҳамкориҳо ба таври возеҳ мушаххас карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироашуда дорои асоснокии кофии илмӣ буда, ба натиҷаҳои таҳқиқот такя менамоянд ва барои омӯзиши минбаъдаи масъалаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим бо дарназардошти мантиқ, сохтор ва амиқии таҳлили илмӣ як таҳқиқоти мукаммал ва низомноки сатҳи баланд ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни иҷрои кори илмӣ муаллиф як қатор натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ба даст овардааст, ки онҳо дорои навгонии назариявӣ, аҳаммияти илмӣ ва арзиши амалии баланд мебошанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ тавонистааст тамоюлҳои асосии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломиро дар доираи сиёсати хориҷии бисёрсамта ва сиёсати «дарҳои кушода» таҳлил намуда, самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи онҳоро муайян созад.

Махсусан, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI имкон фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули ин равандҳо дар сатҳи маҷмӯӣ ва илмӣ муайян карда шаванд. Ҳамзамон, зарурати таҳкими мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲИ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми сиёсати хориҷии кишвар асоснок гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

– бори аввал дар илми таърихи муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти маҷмӯӣ оид ба ташаккул, таҳаввул ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI анҷом дода шудааст;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои гуногун заминаҳои таърихӣ ва сиёсии ташаккули СҲИ ва таъсири рӯйдодҳои байналмилалӣ ба фаъолияти он баррасӣ гардида, мақоми созмон дар низоми муосири равобити байналмилалӣ ва хусусиятҳои сохтории он муайян шудааст;

– раванди истиқрор ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ бо дарназардошти шароити давраи баъди истиқлол ва мавқеи Тоҷикистон дар ҷаҳони исломӣ ба таври системавӣ таҳлил гардидааст;

– самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ, молиявӣ-инвеститсионӣ ва робитаҳои байнипарлумонӣ дар доираи СҲИ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, натиҷаҳои онҳо асоснок карда шудаанд;

– ҷанбаҳои иҷтимоӣ-гуманитарии ҳамкориҳо, аз ҷумла соҳаҳои фарҳанг, маориф, илм ва технология, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми ҳамгироӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва мушаххас карда шудаанд;

– хусусиятҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва таҳкими амният дар доираи СҲИ таҳлил гардида, аҳаммияти онҳо барои суботи минтақавӣ нишон дода шудааст;

– натиҷаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ҷамъбаст гардида, дурнамои рушди минбаъдаи онҳо бо дарназардошти таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ асоснок карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, ба рушди донишҳои илмӣ дар соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳқиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад.

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи А.М. Ализода дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди таҳқиқоти илмӣ оид ба нақш ва мавқеи Созмони ҳамкории исломӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) як қатор хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст, ки ба таҳкими заминаҳои

назариявии омӯзиши равобити байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Таҳқиқот ба муайян намудани хусусиятҳои асосии ҳамкориҳои дуҷониба, таҳаввули онҳо дар шароити муосири геополитикӣ ва ошкор сохтани самтҳои афзалиятноки ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ-башарӣ миёни ду субъекти равобити байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Диссертатсия ба дарки амиқи масъалаҳои марбут ба нақш ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲИ мусоидат намуда, дурнамои рушди минбаъдаи ин муносибатҳоро дар заминаи воқеияти нави сиёсати ҷаҳонӣ бозгӯ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои таҳияи таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии давлатҳо ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат намоянд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд барои сохторҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ муфид бошанд. Натиҷаҳои диссертатсия инчунин метавонанд дар раванди банақшагирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии кишвар дар самти ҳамкорӣ бо давлатҳои аъзои СҲИ истифода шаванд.

Илова бар ин, маводи таҳқиқотӣ метавонад ҳамчун манбаи муфид дар раванди таълим ва таҳияи курсҳои лексионӣ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва этнополитология истифода гардад. Тавсияҳои пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки самаранокии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ баланд бардошта шуда, манфиатҳои стратегии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ беҳтар таъмин гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқот бо дақиқии маълумот, фаровонии сарчашмаҳои истифодашуда, таҳлили илмии мавод ва муқоисаи натиҷаҳо таъмин гардидааст. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳлили муътамади назариявӣ ва амалӣ таҳия гардида, ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқ такя мекунанд.

**Сохтори диссертатсия** дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад. Кори илмӣ аз пешгуфтор, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (200 номгӯй) иборат буда, тарҳи он пайдарҳамӣ ва мантиқи дохилии таҳқиқро таъмин менамояд.

Дар муқаддима масъалаи мубрамияти мавзуъ асоснок шуда, сатҳи омӯзиши он дар илми ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин, объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин саҳми шахсии муаллиф ва сохтори умумии кор шарҳ дода шудаанд.

Боби якуми диссератсия **«Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар бознигарии таърихӣ (солҳои 1969–1992)»** дар сатҳи таҳлилии муфассал ва пайдарҳам ба омӯзиши ташаккул ва таҳаввули Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ), хусусиятҳои он ҳамчун як субъекти муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ ва инчунин ба баррасии шароити таърихии пайдоиши робитаҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин созмон бахшида шудааст.

Боби мазкур аз ду зербоби асосӣ иборат мебошад. Зербоби якум ба масъалаи **«Заминаҳо ва сабабҳои таъсиси Созмони ҳамкории исломӣ ва ташаккули он ҳамчун субъекти сиёсати ҷаҳонӣ»** бахшида шудааст. Дар ин қисм муаллиф шароити сиёсӣ ва геополитикии охири солҳои 60–70-уми асри XX-ро таҳлил намуда, омилҳои асосии пайдоиши идеяи таъсиси созмони исломиро баррасӣ мекунад. Ҳамзамон, хусусиятҳои назариявию методологии созмонҳои байналмилалӣ, нақши онҳо дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷойгоҳи СҲИ дар ин низом шарҳ дода мешавад.

Зербоби дуюм ба баррасии **«Таъмини асосҳои байналмилалӣ – ҳуқуқии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: марҳилаҳои асоси рушд»** бахшида шудааст. Дар ин қисм шароити таърихии барқароршавии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ баъди ба даст овардани истиқлолият таҳлил мегардад. Муаллиф марҳилаҳои асосии шомилшавии Тоҷикистон ба созмон, ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ-дипломатии ҳамкорӣ, инчунин рушди тадриҷии муносибатҳоро дар доираи санадҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои дуҷониба баррасӣ мекунад. Ҳамчунин нақши Тоҷикистон дар дохили СҲИ ҳамчун узви фаъол ва иштироки он дар механизмҳои гуногуни созмон таҳлил карда мешавад.

Дар маҷмӯъ, боби якум на танҳо таърихи ташаккули СҲИ-ро аз дидгоҳи илмӣ равшан месозад, балки асосҳои аввалини робитаҳои Тоҷикистон бо ин созмонро дар заминаи тағйироти геополитикии охири асри XX шарҳ дода, пояи назариявӣ ва таърихии боби минбаъдаи диссератсияро фароҳам меорад.

Боби дуюми диссертатсия «**Самтҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: проблемаҳои асосӣ ва тамоилҳои рушд (солҳои 1992-2022)»** ба таҳлили ҳамаҷонибаи рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар давраи баъди истиқлолият ва марҳилаҳои минбаъдаи таҳаввули муносибатҳо бахшида шудааст. Дар ин боб самтҳои асосии ҳамкорӣ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ-инвеститсионӣ, байнипарламентӣ ва иҷтимоӣ-гуманитарӣ ба таври муфассал баррасӣ мегарданд, инчунин тамоилҳои умумии рушди ин робитаҳо дар шароити тағйирёбандаи муносибатҳои байналмилалӣ таҳлил мешаванд. Ин боби диссератсия низ аз ду зербоби асосӣ иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия «**Ташаккул ва такмили робитаҳои иқтисодӣ, молиявӣ – инвеститсионӣ ва алоқаҳои байни парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ**» ба таври

муфассал раванди густариши ҳамкориҳои Тоҷикистону СҲИ-ро дар самти иқтисод ва молия, инчунин ташаккули робитаҳои институтсионалии байнипарламентӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар ин қисм рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон баррасӣ гардида, нақши созмонҳои молиявии вобаста ба СҲИ, махсусан Бонки рушди исломӣ, дар ҷалби сармоя, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, энергетикӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ нишон дода мешавад. Ҳамзамон, таҳаввули робитаҳои байнипарламентӣ ҳамчун омили муҳимми таҳкими эътимоди сиёсӣ ва густариши ҳамкории бисёрсатҳа байни ҷонибҳо таҳлил гардида, иштироки Тоҷикистон дар Иттиҳоди парламентии СҲИ, конфронсҳо ва ҷаласаҳои он ҳамчун воситаи муҳимми дипломатияи парлумонӣ арзёбӣ мешавад.

Зербоби дуюм ба масъалаи **«Рушди ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ – башарӣ: фарҳанг, маориф, илм ва технология»** бахшида шудааст. Дар ин қисм рушди робитаҳо дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, илм ва технология, инчунин нақши онҳо дар таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва густариши ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ мегардад. Илова бар ин, фаъолияти ҳамкориҳои байнипарламентӣ, иштироки Тоҷикистон дар платформаҳо ва сохторҳои парлумонии СҲИ, ва аҳаммияти онҳо дар таҳкими муносибатҳои сиёсӣ таҳлил карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ, боби дуюм раванди асосии рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ-ро дар давраи 1992–2022 инъикос намуда, хусусиятҳои таҳаввул, дастовардҳо ва тамоилҳои асосии ин робитаҳоро муайян мекунад ва заминаи таҳлилии боби сеюми диссертатсияро фароҳам меорад.

Боби сеюми диссертатсияро **«Хусусиятҳо ва дурнамои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар шароити муосир»** ба таҳлили амиқи самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои минбаъдаи Тоҷикистону СҲИ дар шароити тағйирёбандаи низоми муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаҳои амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, аз ҷумла мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҳамчун самтҳои стратегӣ ва калидии ҳамкорӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ҳамзамон, имкониятҳо ва дурнамои рушди робитаҳо дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-гуманитарӣ таҳлил шуда, нақши Тоҷикистон дар татбиқи ташаббусҳои муштараки СҲИ дар шароити муосири геополитикӣ арзёбӣ мегардад. Боби мазкур аз ду зербоби асосӣ иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюми диссертатсия **«Имконоти захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир»** ба таҳлили имкониятҳои мавҷуда ва самтҳои ҳамкории стратегии Тоҷикистон ва СҲИ дар таъмини амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бахшида шудааст. Дар ин қисм нақши Тоҷикистон ҳамчун кишвари фаъол

дар мубориза бо таҳдидҳои амниятии муосир, иштироки он дар механизмҳои СҲИ ва саҳми созмон дар равандҳои сулҳофарӣ баррасӣ мегардад. Ҳамчунин ташаббусҳои муштараки ҷонибҳо дар таҳияи стратегияҳо ва санадҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва таҳкими субот таҳлил карда мешаванд.

Зербоби дуюм ба масъалаи **«Ҳолат ва дурнамои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ»** бахшида шудааст. Дар ин қисм дурнамои рушди ҳамкориҳо дар заминаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши нақши он дар фаъолияти СҲИ мавриди таҳлил қарор мегирад. Муаллиф самтҳои эҳтимолии густариши ҳамкориҳоро дар соҳаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, энергетика, нақлиёт, инчунин дар бахшҳои гуманитарӣ ва илмӣ муайян намуда, аҳаммияти иштироки Тоҷикистон дар ташаббусҳо ва барномаҳои созмонро дар шароити муосир нишон медиҳад.

Дар маҷмӯъ, боби сеюм тамоилҳои асосии рушди ояндаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ-ро дар шароити муосири байналмилалӣ муайян намуда, хусусиятҳои стратегии ин робитаҳоро нишон медиҳад ва дар баробари ин хулосаҳои умумии илмӣ ва дурнамои таҳқиқоти минбаъдаро асоснок месозад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки онҳо хусусияти хулосавӣ ва амалӣ дошта, ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ равона мегарданд.

Ҳамин тариқ, сохтори диссертатсия бо мантиқи дохилӣ, пайдарҳамии илмӣ ва ҳамоҳангии пурра бо ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот тавсиф гардида, ба талаботи корҳои илмии сатҳи диссертатсионӣ мутобиқат менамояд.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва муҳтавои ғании таҳлилӣ мебошад, дар баробари он баъзе нуктаҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд, ки бартарафсозии онҳо метавонад ба такмил ва ғанӣ гардидани натиҷаҳои илмӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла:

– дар қисмати таҳлили ҳамкориҳои иқтисодӣ ва молиявӣ-инвеститсионӣ (зербоби якуми боби дуюми диссертатсия) истифодаи маълумоти омории муфассалтар оид ба ҳаҷми сармоягузориҳо ва лоиҳаҳои мушаххаси Бонки рушди исломӣ метавонист таҳлилро дақиқтар гардонад;

– дар баррасии ҳамкориҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ (зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия) овардани намунаҳои бештар ва мушаххаси лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои маориф, илм ва технология, аз ҷумла барномаҳои табодули донишҷӯён, грантҳои таълимӣ, лоиҳаҳои эҳёи мероси фарҳангӣ ва барномаҳои омӯзиши забон ва фарҳанги кишварҳои узви СҲИ, метавонист имконият диҳад, ки саҳми амалии ҳамкориҳо дар сатҳи ҷомеа равшантар инъикос гардад;

– дар бахши таҳлили масъалаҳои амниятӣ (зербоби якуми боби сеюми диссертатсия) ворид намудани муқоисаи муфассал бо таҷрибаи ҳамкории СҲИ дар самти мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ дар дигар давлатҳои узви созмон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқи Наздик, метавонист заминаи хулосаҳои муқоисавиро таҳким бахшида, сатҳи умумиятбардории натиҷаҳои илмиро боз ҳам баландтар намояд.

Бояд гуфт, ки камбудию норасоиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Бартараф намудани онҳо метавонад сатҳи илмӣ ва таҳлилии таҳқиқотро боз ҳам такмил бахшад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти илмии Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX — ибтидои асри XXI)» ба талаботи 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна комилан арзанда ҳисобида мешавад.

Дар баробари ин, ихтисоси муҳаққиқ ба самти таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ алоқаманд буда, комилан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мутобиқат мекунад.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертатсияҳои номзадии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ аст.

Хулоса, диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим ҳамчун кори илмии пурра ба анҷом расида ҳисобида мешавад. Таркиб ва сохтори он бо тавсия ва асосноккунӣ дар сатҳи баланд ва илмию назариявӣ таҳия гардида, барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна ва ташхиси он дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқ аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадазимов Абдуқаюм Абдуғаниевич омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур рӯзи 2-юми майи соли 2026 муҳокима ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №10 аз 02 майи соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Алуев А.С.**

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Мамадазимов А.А.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Насриддинзода М.Н.**

**Имзоҳои А.С. Алуев, А.А. Мамадазимов ва М.Н. Насриддинзодаро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Насурдинзода А.Н.**

**«04» 05 соли 2026**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33, МД «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Тел. (корӣ): (+992 37) 224-17-86; E-mail: info@apa.tj; Сомонаи расмии муассиса: https://apa.tj/